# *УСУЛИ ТАЪЛИМ*
# *МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ*
# *METHODS OF TEACHING*

***ББК 74.00***
***УДК 371.011***
***К21***

***И.Х. КАРИМОВА***

## ПЕДАГОГИКАИ МУҚОИСАВӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Педагогикаи муқоисавӣ дар забони англисӣ бо истилоҳи «comparative education» ва дар забони фаронсавӣ «pedagogie comparee» ва дар забони русӣ “сравнительная педагогика” муаррифӣ шудааст. Ин шохаи илми педагогика бо ин шакли ҷадид дар Аврупо ба вуҷуд омадааст. Калимаи «comparative» аз феъли «to compare» гирифта шуда, маънои санҷидани чанд чиз ва бо ҳам муқоиса кардани онҳоро дорад. Дар забони фаронсавӣ бошад, «comparee» маънои баробар кардани ду чиз бо ҳам, мутобиқ сохтанро дорад.

Интихоби истилоҳи дақиқ дар ин замина муҳим аст, зеро вуҷуди номафҳумӣ дар интихоби як ё чанд мафҳум мумкин аст ба иштибоҳ расонад. Таърифи тавсифии ин шохаи педагогика метавонад баёнгари нуктаи назарҳои гуногуне бошад, ки бо истифодаи онҳо метавон бе эҷод кардани мухолифат бо нуктаи назарҳои ҷомеашиносӣ, фалсафа ё равоншиносӣ ба таърифи педагогика пардохт. Агарчӣ дар соҳаҳои мухталифи илмҳои вобаста ба ин илм як навъи ягонагӣ дида шавад ҳам, вале дар бархе аз мавридҳо мухолифат низ дида мешавад. Назарҳои гуногун бештар аз он ҷо маншаъ мегиранд, ки муҳаққиқону пажӯҳишгарон ва мутахассисони дигар соҳаҳо, аз қабили равоншиносӣ, фалсафа, таърих, ҷомеашиносӣ, физика, биология, иқтисод, улуми сиёсӣ ва ғайра, ба ҷуз миқдори ками эшоне, ки аз донишмандони соҳаи педагогика маҳсуб мешаванд, дар мавриди педагогикаи муқоисавӣ нигоришҳои илмии гуногун доранд.

Ба ин тартиб, мушоҳида мешавад, ки педагогикаи муқоисавӣ аз нуктаи назарҳои гуногун мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор гирифтааст. Педагогикаи муқоисавиро истифода кардан аз муқоиса ба мақсади мутолиаи ҷанбаҳои мушаххаси масъалаҳои тарбиятӣ медонанд.

Ба ақидаи дигар он педагогикаи муқоисавӣ ба маънои баррасӣ ва таҳлили муназзаму системаноки дигар фарҳангҳо ва низомҳои омӯзишии муфид ба манзури кашфи шабоҳат ва тафовутҳо мебошад (6, с.34).

Педагогикаи муқоисавиро метавон иборат аз як низоми таҳқиқӣ донист, ки моро барои дастёбӣ ба шинохти ҷадиди назария ва амалия аз тариқи муқоисаи ду ё чанд системаи тарбиятӣ дар кишварҳои мухталиф ва ё давраҳои таърихии гуногун ёрӣ медиҳад (1, с.32).

Мақсад аз «муқоиса» иборат аст аз таҷзия ва таҳлили монандиҳо, нуқоти муштарак ва, инчунин, тафовутҳои мавҷуд байни системаҳои мухталифи тарбиятӣ, ки дар заминаҳои созмонӣ, ташкилотӣ, тарзи мудирияти омӯзишӣ, барномаҳо, равишҳои тарбиятӣ ва ҳамчунин арзишёбиҳои омӯзишӣ дар марҳалаҳои мухталифи таълиму тарбият ба амал меояд.

Баррасии қиёсӣ метавонад ду ё якчанд системаи омӯзиширо дар маҷмӯъ фаро гирад, метавонад баъзе ҷанбаҳои системаҳои омӯзиширо ба мисли созмони идорӣ, барномаҳои омӯзишӣ, барномаҳои дарсӣ ва ғайра мавриди мутолиа қарор диҳад. Баррасии қиёсӣ метавонад байни шеваҳои омӯзишии кишварҳои мухталиф ё манотиқи гуногун аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ, замонӣ ва ҳамчунин байни низомҳои тарбиятии давраҳои мухталифи таърихӣ анҷом пазирад. Бо ин вуҷуд, бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки дар замони муосир баррасиҳои қиёсӣ бештар ба замони муосир маҳдуд мешавад (3, с.56).

Бинобар ин, педагогикаи муқоисавӣ мавзӯъҳои бисёр густурда дорад ва дар аксари донишгоҳҳои дунё, аз ҷумла донишгоҳҳои аврупоӣ ва амрикоӣ, ҷузъи маводи дарсӣ ва таҳқиқотии сатҳи магистр ва докторӣ аст. Ба далели густурдагии мавзӯи ин илм, танҳо онро муаррифӣ ва равиши таҳқиқи онро зикр мекунанд ва барои намуна чанд масъаларо дар чанд кишвар бо ҳам муқоиса мекунанд ва аз таҳлилҳои худ натиҷаҳои дилхоҳро дастрас мекунанд. Он гоҳ донишҷӯён бахше аз масоилро ба унвони мавзӯи таҳқиқ интихоб мекунанд ва ба таҳқиқи он аз роҳи шинохти ин масъала дар кишварҳои мавриди мутолиа мепардозанд. Дар натиҷа, тамоми риштаҳои марбут ба педагогика ва масъалаҳои онҳо дар доираи ин мавзӯъ қарор мегирад.

То кунун дар Тоҷикистон омӯзиши педагогикаи муқоисавӣ танҳо дар сатҳи донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва муассисаҳои тарбияти муаллимон истифода мешавад ва он ҳам бо теъдоди кам. Лозим ба ёдоварист, ки танҳо соли гузашта фанни «Педагогикаи муқоисавӣ»-ро дар факултаи педагогика ба сифати фанни ёрирасон (факултативӣ) ворид карданд. Ин дар ҳолест, ки мавзӯъҳои муҳими дигаре, аз ҷумла умури вобаста ба иқтисоди омӯзишу парвариш, умури фарҳангӣ, мудирияти тарбияти муаллим, саводомӯзӣ, мушовара ва роҳнамоӣ, омӯзиши масъалаҳои қабл аз дабистонӣ, омӯзиши бузургсолон, омӯзиши доимӣ, ҳадафҳои таълиму тарбият, равишҳо ва билохира ҳамаи мавзӯъҳои вобаста ба таълиму тарбият бояд дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон шинохта шавад, муқоиса ва таҳлил шавад, то аз натиҷаҳои ба дастомада роҳи ҳалле барои мушкилоти мавҷуд ба даст ояд.

Баъзе аз муҳаққиқон, ки бо равиши ҷамъоварии додаҳои оморӣ мухолифанд ва бовар доранд, ки чун равиши ҷамъоварии ин додаҳо гуногун аст, бинобар ин ҳам муқоисаҳои оморӣ арзиши зиёде надоранд (4, с.67). Ишора

мегардад, ки низоми омӯзишу парвариш намунае аз хусусиёт ва биниши миллӣ аст ва чеҳраи мушаххаси як миллатро ошкор месозад ва бинобар ин низоми омӯзишӣ шадидан таҳти таъсири гузашта аст. Онҳо омилҳои муассир дар таълиму тарбиятро ба се қисмат тақсим кардаанд:

1. Омилҳои табиӣ, монанди нажод, забон ва муҳит;
2. Омилҳои мазҳабӣ;
3. Омилҳои ғайримазҳабӣ монанди атеизм, сотсиализм ва неосотсиализм (7, с.45).

Дар таҳқиқотҳо бар суннат ва таъсири он бар таълиму тарбият таъкид мекунанд ва дар таҳқиқот бар тафсил ва ҷузъиёти таърихӣ ва тафсиру таъбири онҳо исрор меварзанд (2, с.23).

Дар ин ҷо ба нақши суннатҳои фалсафӣ дар масирҳои педагогика ишора мешавад. Ба назари онҳо, «*педагогика дар воқеъ намоди ниҳоишуда аз фалсафаи иҷтимоии як миллат аст» (5, с.67)*. Ба ҳамин далел, дар ҳар таъбиру тафсире нуфуз ва иртиботи фалсафӣ иҷтинобнопазир аст. Ба ишорае мутолиаи таърихӣ бо таваҷҷӯҳ ба нақши омилҳои ҳаётӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва хусусиёти миллӣ имконпазир мегардад, ки тақрибан дар ҳамаи ҷомеаҳо масъала ва ҳадафҳои омӯзишӣ ба якдигар шабоҳат доранд, вале равишҳои мавриди истифода барои ҳалли мушкилот бо суннатҳо ва фарҳанги ҳар як аз ҷомеа иртибот меёбад.

Аммо дар мавриди ҳадафҳо ва корбурди педагогикаи муқоисавӣ, назарҳои мухталиф баён шуда, ки то ҳадди имкон ба баъзеи аз онҳо ишора мешавад.

Гарчӣ барои ҳеч кишваре намунабардорӣ аз таълиму тарбияти дигарон бе мушкилӣ амалӣ намегардад, бо ин вуҷуд, таваҷҷӯҳ ба ин ки миллатҳо ва давлатҳои мухталиф чи гуна ба ҷараёни таълиму тарбият нигариста ва чӣ равишҳоеро дар пеш гирифтаанд ва чӣ натиҷаҳое аз иқдомоти онҳо ҳосил шудааст, нуктаҳои муфиду арзишманде дар бар дорад, ки албатта, бо таваҷҷӯҳ ба хусусияти иҷтимоӣ ва омилҳои муассир дар таълиму тарбият худ метавонад ба истифода аз равишҳои судманд амалӣ гардад.

Истифодае, ки то кунун аз ин дониш мешуд, ба унвони тадриси маводи дарсӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ буд ва гуфта мешуд, ки довталабони касби муаллимӣ бояд аз равишҳои омӯзишии кишварҳои дигар огоҳӣ дошта бошанд. Дар ҳоле, ки истифодаи воқеӣ аз ин дониш дар барномаҳои омӯзишӣ ва дар сатҳи муассисаҳои таҳқиқӣ пурсамартар аст, аз ин ки танҳо ба сурати яке аз дарсҳо тадрис гардад. Аз тарафи дигар, чун донишҷӯёни бисёре барои идомаи таҳсил ба кишварҳои мухталиф фиристода мешаванд, иттилоъ аз давраҳои таҳсилӣ ва низоми омӯзишӣ, истилоҳоти тарбиятӣ ва номи мадраки таҳсилӣ ва ғайра мавриди истифодаи ҳатмии донишҷӯ аст, ки ҳатто тарҷумонҳои мадраки таҳсилӣ ҳам бидуни иттилоъ аз онҳо кори тарҷумаро наметавонанд ба таври дуруст анҷом диҳанд. Аз суи дигар, муқоиса ва ҳамсатҳ намудани давраҳои таҳсилӣ дар кишварҳои мухталиф кори зарурӣ аст. Барои мисол, мадраки хатми омӯзиши миёна дар Тоҷикистон бо муодили ҳамин мадрак дар кишвари Фаронса, Англия, Олмон ё Амрико чӣ тафовуте аз назари солҳои таҳсилӣ ва матлаби омӯхташуда ва ғайра дорад ва ҳамин тавр барои давраҳои таҳсилӣ ва масъалаҳои дигар, ки дар мубодилоти фарҳангӣ ва омӯзиш нақши бисёр

ҳассосеро доро ҳастанд ва бидуни таваҷҷуҳ ба ин дониш ин кор ғайримумкин ба назар мерасад.

Бинобар ин, лозим аст, ки бо кишварҳои дигар то ҷое, ки ба нафъи омӯзишамон аст, робитаи омӯзишӣ дошта бошем. Агар бихоҳем аз илму дониши сарзаминҳои дигар баҳраманд гардем, лозим аст иттилооти кофӣ дар мавриди ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии мардуми дигар кишварҳо, аз ҷумла дар мавриди илму фан ва низоми омӯзишии онҳо огоҳӣ дошта бошем, то ин баҳрагирӣ ба шакли беҳтар анҷом шавад. Бино бар он чи ки зикр шуд, вазифаи тамоми мавридҳои дар боло зикршуда бар ӯҳдаи педагогикаи муқоисавӣ аст.

Он чӣ ба ихтисор дар бораи муаррифии педагогикаи муқоисавӣ пешниҳод шуд, метавон танҳо ба унвони роҳнамое барои мутолиаи бештар дар заминаҳои мухталифи он бошад. Ҳамон тавр, ки дар матн ишора шуд, на танҳо ҳама масоил ва мавзӯоти таълиму тарбият, балки тамоми заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва суннатии кишварҳо барои мутолиаи бахше аз масоили омӯзишу парвариш лозим аст. Шакли ин мавзӯъ барои як дарси донишгоҳӣ фақат пешниҳоди равиш барои таҳқиқоти донишҷӯён дар як ё чанд заминаи тарбиятӣ ва муқоисаи онҳо дар кишварҳои мавриди назар аст.

Он чӣ муҳим ба назар мерасад, ин аст, ки ин ришта бояд дар донишгоҳҳо дар солҳои охир ва ҳамон гуна, ки қаблан ишора шуд, ҳатто дар сатҳи фавқуллисонс ва болотар тадрис шавад, зеро лозим аст, ки барои оғози мутолиаи ин ришта бо ҳамаи риштаҳои дигари улуми тарбиятӣ ошноӣ ҳосил шуда бошад. Бинобар ин, ҳадди ақал бояд дарсҳои таърихи омӯзишу парвариши кишварҳои ҷаҳон, равишҳои таҳқиқ, фалсафа ва усули омӯзишу парвариш, иқтисод, ҷомеашиносии парвариш ва созмони идораи омӯзишу парвариш дар Тоҷикистон ба унвони пешдарси ин ришта гузаронида шуда бошад, зеро дар ғайри ин сурат барои донишҷӯ бисёр мушкил хоҳад буд, ки бидуни доштани иттилооти лозимии қаблӣ аз вазъи омӯзишу парвариши кишварҳо ё донистани усул ва асосҳои таълиму тарбият ин масъаларо баррасӣ кунад.

Аз тарафе донистани системаи омӯзишии кишвари худи хонанда низ лозим аст, зеро бояд ҳадафҳо, равишҳо, сатҳҳои таҳсилот, будҷаи омӯзишӣ, собиқаи фарҳангӣ ва таърихӣ ва масоилу мушкилоти омӯзишу парвариши кишвар қаблан барои донишҷӯ то ҳадди имкон шинохта шуда бошад. Чун ӯ барои муқоиса ва баҳрагирӣ аз ин кор бояд иттилооти лозимро дошта бошад, то битавонад тафовутҳои мавҷуд дар қисматҳои мухталифи таҳсилии кишвари худро бидонад. Ин муҳимтарин унсури роҳкушо барои муқоиса аст, ки масъалаҳои дигар бо таваҷҷӯҳ ба он беҳтару муассиртар қобили шинохт хоҳад буд. Равшан аст, ки донистани иттилооти умумӣ дар бораи таърих, ҷуғрофия, вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои мавриди мутолиа аз усули ибтидоии як муқоиса аст, ки бидуни онҳо чунин кор ғайримумкин ва бисёр мушкил хоҳад буд.

Дар мавриди ҳадафҳои педагогика дар кишварҳои мухталиф, идеологияи гуногун, навъҳои идора, сарфи буҷа, тафовутҳои давраҳои таҳсилӣ ва ғайра дар ин навишта, гарчӣ мухтасар бошад, ҳам зикр шуд. Маъмулан, муқоиса ва таҳлил бояд ба василаи хонанда анҷом шавад. Аммо барои ин ки аз мутолиаи

матолиби боло натиҷае гирифта бошем, барои намуна ба муқоиса ва таҳлили баъзе аз қисматҳои онҳо то он ҷо, ки имкон дорад, мепардозем.

Ҳадафҳо маъмулан ду гунаанд: ҳадафҳои куллӣ ё ҳадафҳои ниҳоӣ ва ҳадафҳои воситаӣ. Ҳар идеология ва ҳар низом чизеро барои худ ҳадафи ниҳоӣ ва воситае қарор медиҳад ва дигар ҳадафҳо воситае ҳастанд, ки маъмулан васила барои расидан ба ҳадафи аслӣ ва ниҳоӣ ҳастанд.

Дар ислом ҳадафи ҳама умур расидан ба Аллоҳ, ризояти ӯ, наздик шудан ба ӯ аст. Мусулмон ҳар коре, ки мекунад, фақат ризоияти Худо ва наздикӣ ба ӯро дар назар дорад. Бинобар ин, он чӣ барои дигарон мумкин аст ҳадаф ё ҳадафҳои ниҳоӣ бошад, дар ислом мумкин аст ҷузъе аз ҳадафҳо ва воситае ба ҳисоб ояд, ки барои найл ба он ҳадафи аслӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ризояти Худо ҳамоно расидан ба тамоми умуре аст, ки ҷиҳати салоҳ ва хайри бандагони Худост. Бинобар ин, ҳадафи куллӣ дарбаргирандаи ҳамаи ҷузъҳои ҳадафҳои кӯчак мебошад.

Кишвари Фаронса ҳадафи куллии худро аз таълиму тарбият – бинои ваҳдати миллӣ, густариши фарҳанги фаронсавӣ ва рушди афроди мутафаккир бар асоси арзишҳои фалсафии ақлгароии қарни XVIII зикр мекунад. Бинобар ин, дар он ҷо омӯзиши ғайримазҳабиро (laique) супориш мекунанд ва ба ҷои мазҳаб фалсафаи ақлгароиро интихоб кардаанд. Дар ҳоле ки аксари кишварҳо, аз ҷумла Британия, Олмон ва баъзеи дигар арзишҳои мазҳабро ҳарчанд дар зоҳир вале ҷузъи ҳадафҳои худ қарор медиҳанд. Дар кишвари Фаронса ҳадафҳои дигаре ҳам ба инҳо изофа мешавад, ки шояд аз назари онҳо аз ҳадафҳои шиоргунаи қабл аҳамияти бештаре дошта бошад ва он иборат аст аз кӯмак ба рушди иқтисодии Фаронса ба василаи фароҳам кардани кадрҳои захира аз афроди дорои маҳорати фаннӣ.

Ҳадафи ин кишварҳо, ҳамон гуна, ки дар Шӯравии собиқ ҳам мушоҳида мешуд, каму беш ҳамон ҳадафҳои иқтисодӣ ва моддӣ аст ва барои расидан ба онҳо Шӯравӣ ҳам таблиғи сотсиализмро ба шакли ҳамаҷониба тавсиф мекард. Раҳбарони Шӯравии собиқ саводомӯзии ҳамагонӣ ва омӯзиши ибтидоии ҳатмиро барои тамомияти сиёсӣ зарур медонист ва тарбияти кадри коргарии гуногунро барои пешрафти васеи саноат ва кишоварзӣ, ки ҳадафи иқтисодӣ ва сирфан моддӣ дар бар дошт.

Дар Чин, пас аз инқилоб, ҳадафи ҷадиди омӯзишу парвариши давлатӣ дар марҳалаи аввал таъкид бар боло бурдани фарҳанг ва сатҳи фикри гурӯҳҳои мардуми табақоти поён ва аз байн бурдани нуфузи империализми хориҷӣ буд. Барои ин кор коммунистҳо муаллимони омӯзишу парвариши буржуазии қадимро ба шиддат маҳкум карданд ва муддао буданд, ки ҳадафи ниҳоии ин равиш эҷоди саноатӣ ва кишоварзии худкифост, ки онҳо ҳатто қабл аз шӯравиҳо ба норасо будани он пай бурданд, равиши дигаре дар пеш гирифтанд.

Дар Ҷопон ҳадаф аз омӯзиши ҳатмӣ омода кардани бачаҳо барои кор аст. Бинобар ин, омӯзиши касбӣ ва тахассусӣ ҳам ҷудо аз омӯзиши умумӣ нест ва дар воқеъ, мактабҳо ба шакли ҷомеъ ҳастанд, ки агар хонандае пас аз хатми давраи таҳсилоти ҳатмӣ моил набуд ё натавонист идомаи таҳсил кунад, касб ё тахассусе, ки бидонад ва дар он маҳорат дорад, вориди бозори кор шавад.

Дар мавриди тарзи идораи омӯзишу парвариш ду система - мутамарказ ва адами тамаркуз дар байни кишварҳо роиҷ аст. Барои ҳар як аз ин ду система камбудиҳое зикр мешавад ва кишварҳо ҳар як аз ин ду равиш саъй доранд собит кунанд, ки бо равиши истифодабурдашудаи онҳо беҳтар метавон мушкилоти омӯзишу парваришро ҳал кард.

Фаронса кишваре аст, ки системаи марказиаш дар бисёре аз умур, бахусус омӯзишу парвариш шӯҳрат дорад ва ҳамон тавр ки қаблан гуфта шуд, ҳамаи умур ва барномарезиҳо ба таври яксон аз Париж ва аз Вазорати омӯзишу парвариши миллӣ идора мешавад ва ноҳияҳо фақат дар бахши бисёр хурде аз умур мушоракат доранд, ки он умур ҳам ҷанбаи асосӣ ва аслӣ надорад, зеро истифодаи ин равиш иртиботи наздике бо ҳадафҳои тарбиятии онҳо дорад, ки иборат буданд аз ваҳдати миллӣ, густариши фарҳанги фаронсавӣ ва рушди афроди мутафаккир бар асоси арзишҳои фалсафии ақлгароёна. Аз ин ҳадафҳо, ҳадафи иқтисодии кӯмак ба рушду тавсиа ба василаи тарбият кардани шахсони касбии моҳир ба даст меояд.

Кишварҳои тарафдори системаи марказонидашуда бовар доранд, ки ваҳдати идора сабаби назорати хубтар мешавад ва ҳараҷу мараҷи омӯзишӣ ба вуҷуд намеояд. Зимнан, дар асари парокандагии шаҳрҳо, ноҳияҳо ва камбуди нерӯи инсонӣ дар ибтидои инқилобҳо ва таҳаввулоти сиёсӣ, аъмоли ин система сабаби таҳкими ҳукумат ва тасаллути сиёсӣ ва идеологӣ, ба манзури расидан ба ҳадафҳои аслии ҳукумат мегардад.

Дар Британия, Амрико ва баъзе кишварҳои дигар марказонида набудан мавриди амал аст. Масалан, дар Британия умури идораи омӯзишу парвариши маҳаллӣ ва идораи омӯзишу парвариш ва улум, ки дар Лондон қарор дорад ва ба василаи чаҳор узви мансуби кабина идора мешавад, ба таври муштарак умури идораи омӯзишу парваришро ба ӯҳда доранд ва се системаи мухталифи омӯзишӣ дар се қисмати мухталиф ба тартиби зер вуҷуд дорад ва иҷро мешавад:

1. Дар Англия ва Уэлс.
2. Дар Шотландия.
3. Дар Ирландияи Шимолӣ.

Буҷаи омӯзишу парвариш тақрибан 50% ба василаи ҳукумати марказӣ ва 50% дигар ба василаи шӯроҳои ноҳияҳо таъмин мегардад. Бинобар ин, мӯҳтавои барномаҳо ҳам яксон нест ва бо таносуб ва тамоили афроди маҳаллии ноҳияҳо тайин мешавад.

Системаи бидуни марказонидан, ки мумкин аст камбудиҳои зикршуда дар мавриди баъзе кишварҳоро дошта бошад, дар кишварҳое, ки тақрибан ҳама босавод ҳастанд ва дорои вазъи иқтисодии нисбатан босубот ҳастанд ва дар натиҷа камбуди нерӯи инсонии мутахассис (кадрҳо) дар нуқоти дуру наздик эҳсос намешавад, метавонад фоидаҳои бисёреро дар бар дошта бошад ва он таваҷҷӯҳ ба тафовутҳои минтақаӣ, нажодӣ, суннатӣ ва фарҳангии мардуми маҳаллӣ аст.

Дар мавриди буҷаҳои омӯзишу парвариш кишварҳо рақамҳоеро эълом мекунанд, ки аксар дар ихтиёри ЮНЕСКО қарор мегирад. Масалан, дар Фаронса 17 % кулли буҷа ва ё 4 % тавлиди нохолиси миллӣ аст. Дар Британия 5 то 6 % тавлиди нохолиси миллӣ аст. Маъмулан, буҷаи омӯзиши ҳар кишвар бо

буҷаи низомӣ, ки чандин баробари буҷаи омӯзишу парвариш аст, санҷида мешавад. Чунончӣ, дар муқоисаи миёни кишварҳо буҷаи омӯзишу парвариши кишваре нисбат ба буҷаи низомии кишварҳои дигар бештар бошад, он кишвар аз назари фарҳангу таҳсилот кишвари пешрафтатар ба ҳисоб меояд. Аммо бештари кишварҳо рақамҳо ва оморҳои сохтагӣ ва таблиғотӣ ба ЮНЕСКО медиҳанд ва наметавон мутмаин буд, ки ончӣ ки як кишвар дар мавриди буҷаи низомӣ ва омӯзишу парвариш пешниҳод кард, ба ҳақиқат наздик бошад.

Дар қисмати созмони омӯзишӣ ва дар иртибот бо ҳадафи омӯзишу парвариши кишварҳои пешрафта, аксари онҳо ибтидо саводомӯзии ҳамагониро матраҳ кардаанд ва саъй дар решакан кардани бесаводӣ намудаанд. Пас аз он зери пӯшиш қарор додани ҳамаи афроди воҷиби таълим дар омӯзиши ҳатмӣ аст, ки дар ин маврид ҳам кишварҳои пешрафта қадамҳои муассире бардоштаанд.

Аз назари омӯзиши миёна саъй бар омӯзиши ҷомеъ, касбӣ ва тахассусӣ ҳарчӣ бештар аст. То чунончӣ хонандае, ки давраи омӯзиши ҳатмӣ ва ё миёнаро тамом мекунад, натавонад ё нахоҳад ба таҳсилоти худ идома диҳад, дар мактаб касбе ба ӯ биёмӯзанд, то пас аз тарки мактаб кореро шурӯъ кунад ва сарбори ҷомеа нашавад. Дар ин маврид, маъмулан, саъй бар ин аст, ки дарсади омӯзиши касбӣ ва тахассусиро, ки ҳамеша нисбат ба омӯзиши умумӣ ва назарӣ камтар будааст, то ҳадде боло баранд ва кишварҳои саноатӣ, мисли Фаронса, Британия, Олмон ва Ҷопон дар ин маврид мавқеияти чашмгире доштаанд.

Дар мавриди омӯзиши олӣ аксари дарсади нухбаҳое, ки муваффақ шудаанд давраҳои назариро бигзаронанд, вориди донишгоҳҳо шудаанд. Дар кишварҳое, монанди Фаронса, Британия, Олмон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Ҷопон дар асари таваҷҷӯҳ ба таълимоти касбӣ ва тахассусӣ дар давраи миёна дарсади бузурге аз хонандагони мактабҳо моил нестанд ба донишгоҳ ворид шаванд, зеро аввалан, ҳамон тавр ки гуфта шуд, метавонанд вориди кору касбе шванд. Дуюм он, ки омӯзиши донишгоҳӣ монанди бисёре аз кишварҳои дар ҳоли тавсиа ё тавсианаёфта танҳо роҳи ба даст овардани шуғли муносиб нест. Ин ангеза, ки фақат аз тариқи ҳуҷҷати донишгоҳӣ метавон кори хубе ба даст овард, бисёр заиф аст. Бинобар ин, танҳо афроде, ки воқеан алоқаманд ва мустаид барои идомаи таҳсил ҳастанд, ба донишгоҳҳо ворид мешаванд ва дар натиҷа мебинем, ки дар аксари кишварҳо монанди Фаронса, Британия, Олмон ва Амрико конкурси вурудӣ барои донишгоҳҳо ё вуҷуд надорад ё фақат дар баъзе қисматҳои он аз навъе имтиҳон барои гузиниш истифода мешавад.

Барои баррасии ин масъала бояд созмонҳои омӯзишии баъзеи ин кишварҳоро мушоҳида ва таҷзияву таҳлил кунем ва бо мутолиаи давраҳои таҳсилии онҳо мутаваҷҷеҳ мешавем, ки онҳо чӣ гуна хонандагонро пас аз давраи ибтидоӣ ва дар охирҳои давраи таълимоти ҳатмӣ ва шурӯъ ва сипас интиҳои таълимоти миёна ба сӯйи анвои таълимоти касбӣ ва тахассусӣ ҳидоят мекунанд ва дар натиҷа аз таҳсилкардагони бемаҳорати касбӣ то ҳадди имкон пешгирӣ мекунанд. Барои намуна яке аз ду кишварро таҷзия ва таҳлил мекунем, то бо муқоиса бо созмони омӯзишии кишвари худамон ба натиҷае бирасем.

Дар кишвари Фаронса панҷ соли ибтидоиро ҳамаи хонандагон ба як равиш ва бо як мӯҳтаво дарс мехонанд. Бештари хонандагон дар давраи аввали омӯзиши миёна, ки чор сол аст, ба наҳви яксон сипарӣ мекунанд. Аз сабаби он

ки теъдоде моил нестанд, ки ҳамон системаро идома диҳанд, барои онҳо соли чаҳоруми давраи аввали таҳсилоти миёна шакли касбӣ ба худ мегирад.

То ин ҷо нӯҳ сол аз даҳ соли омӯзиши ҳатмӣ сипарӣ шудааст ва хонандагон метавонанд пас аз як соли дигар ё ба таҳсил идома диҳанд ё ин ки таҳсилро тарк кунанд. Ба таври табиӣ теъдоде истеъдоди худро дар давраи қабл, ки онро «давраи мушоҳида» меноманд, сайқал додаанд, ки муқаддимаи воридшавӣ ба омӯзиши олӣ мебошад. Иддаи дигаре, ки чунин нестанд, маъюсу парешон мактабро бе соҳиб гаштан ба ягон натиҷаи дилхоҳ тарк мекунанд ва баъди мактаб ҳам аз ӯҳдаи коре барнамеоянд, зеро маҳорате наёмӯхтаанд. Бинобар ин, дар се соли миёна дар кишвари Фаронса ба ғайр аз дарсҳои назарӣ касоне, ки тавоноии гузаронидани давраҳои касбӣ ва тахассусиро надоранд ва чун ҳанӯз як сол аз таълимоти ҳатмии онҳо боқӣ аст, наметавонанд таълимоти худро раҳо кунанд ва аз тарафи дигар наметавонанд идомаи таҳсил диҳанд. Бинобар ин, барои ин афрод як соли коромӯзии ҳатмӣ гузоштаанд, ки ҳам чизе фаро гиранд ва ҳам ин як соли коромӯзӣ ба ҷойи соли охири таҳсили ҳатмии онҳо ба ҳисоб биёяд. Дар интиҳои ин давра корномае барои «гувоҳномаи истеъдоди касбӣ» ба онҳо дода мешавад.

Бахши дигар давраи омӯзиши миёнаи касбии кӯтоҳмуддатро мегузаронанд, ки муддати он ду сол аст, яъне як сол аз омӯзиши ҳатмӣ ба изофаи як соли изофии дигар. Дар ин давра касоне, ки дар давраи аввали чаҳорсолаи миёна натавониста ва ё нахоста буданд таълимоти умумиро бигзаронанд ва вориди давраи касбӣ шуда буданд, бо ин афрод дубора дар як давра қарор мегиранд. Ин афрод пас аз фарогирии фанҳое, ки дар ин мактабҳо ба номи «коллеҷи омӯзиши касбӣ» шӯҳрат доранд, гувоҳномаи маҳорати касбӣ дарёфт мекунанд ва вориди бозори кор мешаванд.

Бахши дигар давраи яксолаи касбиро, ки соли охири таълимоти ҳатмии онҳо ҳам ба ҳисоб меояд, мегузаронанд ва гувоҳномаи омӯзиши тахассус дарёфт мекунанд, ки билохира онҳо, ки тавоноии гузаронидани ҳамаи омӯзиши миёнаро доранд, дар ду бахш - умумӣ ва касбию тахассусӣ дипломи миёна мегиранд. Бо ин диплом, ки baccalaureat номида мешавад, метавонанд дар риштаи таҳсилии худ ба донишгоҳ ворид шаванд ва ё таҳсилро тарк кунанд. Онҳо, ки бо таълимоти касбӣ давраи дуюми миёнаро гузаронидаанд, дипломи миёнаи касбӣ дарёфт мекунанд ва метавонанд бо гузаронидани як давраи дусолаи фавқуддипломи касбӣ ҳуҷҷати дипломи техникро бигиранд ё дар давраи дусолаи дигаре фавқуддипломи донишгоҳӣ ва агар давраи назариро гузаронидаанд, давраи дусолаи илмӣ ё адабиро тай кунанд ва фавқуддипломи илмӣ ё адабиро дарёфт кунанд ва аз донишгоҳ хориҷ шаванд. Онҳое, ки моил ба идомаи таҳсил ҳастанд, давраи сесолаи донишкадаҳоро мегузаронанд ва лисонс мегиранд. Ё ҳуҷҷати фавқуллисонсро (maitrise) дар риштаҳои назарии улуми таҷрибӣ ва улуми инсонӣ ба даст меоваранд.

Пас аз ин давраҳои тахассусӣ мактабҳои бузург (grandes ecoles) ва билохира, давраҳои докторӣ аст. Бо мушоҳидаи дақиқи ин система мутаваҷҷеҳ мешавем, ки бо вуҷуди танаввуъ ва теъдоди давраҳо пас аз ҳар мақтаи таҳсилӣ саъй шуда, афродро ба ҳоли худ бигузоранд, то онон бинобар майл ва истеъдодашон роҳеро биёбанд ва вориди иҷтимоъ ва бозори кор шаванд.

Дар Британия, Чин, Ҷопон, Амрико ва бисёре аз кишварҳои пешрафтаи дигар ҳам чунин вазъ бо андаке тафовут вуҷуд дорад. Масалан, дар Британия пас аз шаш соли таълимоти ибтидоӣ, ки худ шомили ду давра - дусола ва чаҳорсола аст, мактабҳои мухталифи ҷадид, касбӣ ва ҷомеъ ва граммар қарор доранд, ки то шонздаҳсолагӣ, ки поёни таълимоти ҳатмӣ аст, идома доранд. Дар ин давраҳо, ки табъан хонанда иҷозат дорад таҳсилро раҳо кунад, як дипломи миёна дар риштаҳои таҳсилӣ, ки шомили улуми инсонӣ ва фаннӣ аст, ба ӯ медиҳанд, ки ба номи дипломи миёнаи сатҳи маъмулӣ (O.Level=Ordinary level) шӯҳрат дорад. Дар ин ҷо хонандагон ёздаҳ сол дарс хондаанд ва метавонанд бо касби ин ҳуҷҷат таҳсилро тарк кунанд ё идома диҳанд ва ду соли дигар, яъне то синни 18-солагӣ дарс бихонанд ва дипломи миёнаи сатҳи пешрафтаро (A.Level=Advanced level) дарёфт кунанд. Бинобар ин, дар сатҳи дипломи миёна ду навъ ҳуҷҷат вуҷуд дорад. Аммо барои воридшавӣ ба донишгоҳ мусалламан касоне, ки дипломи “A.L.” доранд шанс ва мавқеияти бештаре хоҳанд дошт. Бинобар ин, аз онҳо имтиҳони камтаре нисбат ба онҳое, ки дипломи “O.L.” доранд, ба амал меояд. Дар ин кишвар ҳам мушоҳида мекунем, ки ба хонандагон кӯмак шудааст, ки бар асоси майл ё истеъдоди худ таҳсилро тамом кунанд ё онро идома диҳанд.

Дар мавриди омӯзишҳои касбӣ ва тахассусӣ кишвари мо аз дарсади бисёр каме бархӯрдор аст ва ба ҳамин далел, ин масъала сабаби ҳуҷум ба донишгоҳ ё тарки таҳсил бидуни доштани маҳорат мешавад.

Дар хотима, бо таваҷҷӯҳ ба системаҳои омӯзишии кишварҳои мухталиф метавон дар мавриди се масъалаи муҳим: саводомӯзӣ, омӯзиши касбию тахассусӣ ва омӯзиши олӣ бештар баррасӣ намуд ва бо истифода аз таҷрибаҳои дигарон, ибтидо дар мавриди саводомӯзӣ, аз амалкарди кишварҳое, ки дар онҳо инқилоб шудааст, монанди Куба, Алҷазоир, Чин ва ғайра бахра бурд, ки бархе аз онон муваффақ ба решакании бесаводӣ шудаанд.

Аксари ин кишварҳо масъалаи омӯзиши олиро бо дар ихтиёр қарор додани давраҳои мухталифи касбию тахассусӣ дар давраҳои гуногуни таҳсилӣ, ба хусус дар давраи миёна то ҳадди зиёде мӯътадил кардаанд ва алоқаи аксари хонандагонро ба воридшавӣ ба донишгоҳ ба манзури таъмини кор таъдил намудаанд. Ва аз тарафе чун ҳуҷҷати таҳсилӣ танҳо шарти воридшавӣ ба кор нест ва бо вуҷуди он аз афрод ҳангоми истихдом имтиҳони ҷиддӣ ба амал меояд, бинобар ин, афрод танҳо роҳи ёфтани шуғли муносибро гирифтани диплом намедонанд ва барои ин ки имтиҳони воридшавӣ ба корро бо муваффақият бигзаранд, саъй мекунанд ба ҷойи гирифтани диплом ҳарҷӣ бештар биёмӯзанд. Боло бурдани теъдоди донишҷӯ дар донишгоҳҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ илова бар сарфи маблағҳои бисёр боло аз буҷаи умумӣ, ин хатарро низ дар бар дорад, ки дар афрод интизори беҷо эҷод кунад. Бад-ин сурат, ки тамоми хатмкунандагон мехоҳанд ҷазби бозори кор, он ҳам аз навъи пушти мизнишинӣ ва маошбигирӣ аз давлат шаванд. Дар натиҷа, камбуди гурӯҳи коргари моҳир ва мутахассис беш аз пеш мушоҳида мешавад.

Дар ин маврид, бояд ин нуктаро ёдовар шуд, ки ҳамон гуна, ки ҳақи табиии ҳар фард аст, ки таҳсилоти олӣ дошта бошад, ба ҳамин тартиб, созмонҳои давлатӣ ҳам дар ҷойи худ ин ихтиёрро доро ҳастанд, ки аз миёни теъдоди зиёде

аз афрод бо таҳсилоти донишгоҳӣ, танҳо иддаеро, ки аз назари шуғлӣ ва касбӣ ва дигар хусусиятҳо шоистагии лозимро дошта бошанд, гузиниш кунанд. Дуруст, монанди бисёре аз кишварҳои пешрафта, ки барои воридшавӣ ба созмони идорӣ озмуне баргузор мекунанд ва танҳо доштани ҳуҷҷат дар як ришта малоки амали онҳо қарор намегирад. Бинобар ин, дар кишвари мо низ бо иҷро кардан ва намунабардорӣ аз низоми таҳсилоти олӣ бояд мадракгароӣ аз байн биравад ва доираи короии илмӣ ва амалӣ рукни асосии роҳёбӣ ба бозори кор гардад.

**Калидвожаҳо:** *педагогикаи муқоисавӣ, таҳсилот, ояндабинӣ, ҷаҳонишавӣ, муқоиса, парадигма, ҳамгироӣ, амалишавӣ, тарбият, равобити байналмилалӣ.*

### *Пайнавишт*


1. *Андреев, В.И. Введение в европейскую сравнительную педагогику /В.И. Андреев. - Минск: НИО, 2001. - 110 с.*
2. *Вульфсон, Б.Л. Высшее образование на Западе на пороге XXI века: успехи и нерешенные проблемы / Б.Л. Вульфсон // Педагогика. -1999. -№2. -С. 84-93.*
3. *Вульфсон, Б.Л., Малькова, З.А. Сравнительная педагогика / Б.Л. Вульфсон, З.А. Малькова. –М:.Воронеж, 1996.-256 с.*
4. *Соколова, М. А.,Кузьмина, Е., Родионов, М. Л. Сравнительная педагогика / М.А. Соколова, Е. Кузьмина, М.Л. Родионов. - М.: Просвещение, 1978. - 192 с.*
5. *Сравнительная педагогика: история и современное состояние/ Сб. науч. ст./ под ред.: В.А.Капрановой. – Минск.: НИО,1998. – 99 с.*
6. *Arnove R.F. Comparative Education and World Systems Analysis // Comparative Education Review. N.Y., 1980.24, № 2.P. 48-62.*
7. *Curriculum Guidelines for Compulsory Education in Norway. Oslo, 1990.*


### *Reference literature*


1. *Andreev V.I. Introduction to European Comparative Pedagogy. –M. 2001.*
2. *Wolfson B.L. Higher Education in the XXI-st century in the West: progress and unsolved problems // Pedagogy. -1999. - № 2. -P. 84-93.*
3. *Wolfson B.L. Mal'kova Z.A. Comparative Education. -M.-Voronezh, 1996.*
4. *Sokolova M.A., Kuzmina Ye., Rodionov M.L. Comparative Pedagogics. -M.: Enlightenment, 1978. -192pp.*
5. *Comparative Pedagogics: History and Modern State: collection of scientific articles / under the editorship of V.A. Kapranova. –M.: Scientific-Research Association (SRA), 1998. -99pp.*
6. *Arnove R. F. Comparative Education and World Systems Analysis // Comparative Education Review. N.Y., 1980. 24, № 2. P. 48-62.*
7. *Curriculum Guidelines for Compulsory Education in Norway. Oslo, 1990.*


### *Сравнительная педагогика и её роль в развитии международного сотрудничества*

***Ключевые слова:*** *сравнительная педагогика, образование, прогнозирование, глобализация, сравнение, парадигма, интеграция, реализация, воспитание, международные связи*

*Автор даёт информацию о сравнительной педагогике, которая является областью педагогической науки, изучающей преимущественно закономерности и тенденции развития педагогической. теории и практики в различных странах и регионах мира, а также соотношение их всеобщих тенденций, национальной и региональной специфики. Автор выявляет формы и способы взаимообогащения национальных образовательных систем путем использования ими зарубежного опыта.*

*Автор приходит к выводу, что среди многочисленных задач, стоящих перед сравнительной педагогикой, основной является: актуальное исследование причин и механизмов мирового кризиса образования; особенности его проявления в различных странах, для того, чтобы прогнозировать кризисные явления и по возможности смягчать их влияние.*

### *Comparative Pedagogics and its Role in the Development of International Collaboration*

***Key words:*** *comparative pedagogics, education, prognostication, globalisation, comparison, paradigm, integration, realization, upbringing, international ties*

*Comparative pedagogics is a branch of pedogogical science studying mainly regularities and tendencies of development of pedagogical theory and practice in different counties and regions of the world and also correlation of their universal tendencies, national and regional specificity. It elicits forms and modes of mutual enrichment in reference to national educational systems by means of utilization of foreign experience.*

*Among numerous goals comparative pedagogics faces with there are actual researches of the reasons and mechanisms in regard to the world crisis of education, peculiarities of its evincement in different countries in order to prognosticate crisis phenomena and mitigate their influence where possible.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

***Каримова Ирина Холовна,*** *доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон), e-mail: gumanizm@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Каримова Ирина Холовна,*** *доктор педагогических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, e-mail: gumanizm@mail.ru*

***Information about the author:***

***Karimova Irina Kholovna,*** *Dr. of Pedagogics, Professor, academician of the Education Academy of the Republic of Tajikistan (Tajikistan, Dushanbe), e-mail: gumanizm@mail.ru*